*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА – 014 назди Донишгоҳти давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо суроғаи ш.Душанбе, 734067, кӯчаи Нахимов, 64/14*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич дар мавзуи «Такмили механизми устувории низоми бонкии Тоҷикистон дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.**

Дар даврай иқтисодиёти бозорӣ ва тағйирёбии равандҳо ва муносибатҳои иқтисодии ҷомеаи имрӯза низоми бонкӣ ҳамчун як низоми таҳаммулпазири фишорҳои иқтисодӣ ва муҳаррики пешбарандаи рушди иқтисодиёти ҳар як давлат маҳсуб ёфта, ҳамзамон ба фаъолияти ҳамарӯзаи корхонаву муассисаҳои истеҳсолию ғайриистеҳсолӣ ва ба шаҳрвандони алоҳида хизматрасонӣ менамояд. Аз ин лиҳоз интихоби мавзӯи мазкур аз нуқтаи назари замонави буданаш актуалӣ ва фарогири масъалаҳои муҳими устувории бонкӣ мебошад. Устувории низоми бонкӣ дар шароити муосир аз рушди бозори бонкӣ вобаста буда, такмили механизми он шарти асоӣ мебошад.

Таҳқиқоти анҷомгардида масъалаҳои асосии паст намудани хафви молиявӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии байнибонкӣ, ташаккули сармояи худӣ, дорой, даромаднокӣ, босуботӣ ва пардохтпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар бар гирифта, дар оянда имкониятҳои бартараф намудани ин кабудиҳоро дар сатҳи зарурӣ инъикос менамояд. Тавассути таҳлилу баррасиҳои марбут ба устуворӣ ва суботи бонкӣ ва пешниҳодҳо оид ба роҳҳои ҳалли ин масъала рушди ин соҳа тақвият дода мешавад.

Вобаста ба ин қайд кардан зарур аст, ки дар шароити имрӯза мавзӯи интихобгардида бо назардошти талаботҳои замони муосир аз якчанд нуқтаи назар зарурӣ ва актуалӣ мебошад. Ҳамзамон тар таҳия татбиқ ва коркардҳои анҷомгардидада мазмуни афтореферати диссертатсия ба матни он мувофиқ буда, моҳияти илмии ҷараёни таҳқиқотро боназардошти таҳлилҳои нишондиҳандаҳои муҳими бонкӣ пурра инъикос менамояд.

Дар шароити имрӯза мавзӯи интихобнамудаи унвонҷӯ дорои аппарати илмӣ буда, дар он пайдарпайии натиҷаҳои таҳқиқот риоя гардидааст. Инчунин таҳлилҳои нуқтаи назари олимон дар самти мавзӯъ ба талабот ҷавобгӯ мебошад ва моҳияти илмии диссертатасияро инъикос менамояд. Ҳамчунин дар автореферати мазкур як қатор таҳлилҳои дар шакли нақша ва ҷадвалҳо аз тарафи муаллиф роҳандозӣ гардидааст, ки мукаммалии ҷараёни тақиқи илмиро нишон медиҳад.

Ҳамчунин дар шароити имрӯза таҳлилу пешниҳодҳои анҷомгардида дар масъалаҳои актуалии хизматрасониҳои қарзии низоми бонкӣ зарурӣ мебошад.

Новобаста аз оне, ки унвонҷӯ дар омода намудани рисолаи илмӣ заҳмат кашидааст хуб мешуд агар ба масъалаҳои зерин аҳамият медод:

1. Дар шароити имрӯза устуворӣ ва суботи бонкӣ масъалаи васеъ буда, хуб мешуд агар унвонҷу роҳҳои расидан ба онро аз нуқтаи назари микроиқтисод дар сатҳи ҳар як бонкҳои тиҷоратӣ дар алоҳидагӣ дида мебаромад;
2. Вобастагии устувории бонкиро аз суботи бонкӣ дар сатҳи низоми бонкӣ бояд таҳқиқ менамуд.

Автореферати диссертатсияи Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич дар мавзуи «Такмили механизми устувории низоми бонкии Тоҷикистон дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, ба талаботи низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич сазовори дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Тақриздиҳанда**
**номзади илми иқтисодӣ, мудири**
**кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи**
**давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ** **Комилов Н.Б.**

**Имзои, номзади илми иқтисодӣ, мудири**
**кафедраи молия ва қарз Комилов Н.Б.-ро**
**тасдиқ менамоям.**

**Сардори РК КМ-и Донишгоҳи давлатии**
**Кӯлоб номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ** **Амиров Ф.А.**

**Суроға:735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16, Донишгоҳи**
**давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**
**Тел: (992) 918-57-92-90**
**E-mail : nizomiddin.komilov@mail.ru**

**«____» ________2023**